# Эй Расули Худо! Ман ба тамоми анвоъи аз гуноҳон даст задаам (оё Худованд тавбаи манро мепазирад?) Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд: "Оё гувоҳӣ медиҳӣ, ки нест худое бар ҳақ магар Аллоҳ, ва инки Муҳаммад расули Аллоҳ аст?

Аз Анас (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки мегӯяд: Марде назди Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) омад ва гуфт: Эй Расули Худо! Ман ба тамоми анвоъи аз гуноҳон даст задаам (оё Худованд тавбаи манро мепазирад?) Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд: "Оё гувоҳӣ медиҳӣ, ки нест худое бар ҳақ магар Аллоҳ, ва инки Муҳаммад расули Аллоҳ аст?" Он мард се маротиба гуфт: бале гувоҳӣ медиҳам. Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) гуфт: " Ин (яъне тавба кардан ва гувоҳӣ додани ту) бар ивази он аст.

[صحيح] [رواه أبو يعلى والطبراني والضياء المقدسي]

Марде назди Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) омад ва гуфт: Эй расули Худо! Ман муртакиби ҳамагуна гуноҳон шудаам, ба тамоми гуноҳони сағира ва кабира даст задаам, оё Худованд маро мебахшад? Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) ба ӯ гуфт: "Оё гувоҳӣ медиҳӣ, ки нест худое бар ҳақ магар Аллоҳ, Ва инки Муҳаммад расули Аллоҳ аст? Ин суханро се маротиба такрор намуданд, ва он мард ҷавоб гуфт: бале гувоҳӣ медиҳам. Сипас Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) ӯро аз фазилат ва бузургии калимаи шаҳодат ва инки он каффораи гуноҳон, ва инки ҳамчунин тавба гуноҳони гузаштаро пок месозад, огаҳ фармуданд.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/65006